# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2026. - 45 саҳ.)**

Дар замони муосир натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ яке аз объектҳои муҳимми иқтисодиёт мебошад. Он баҳри ташаккул ва рушди иқтисодиёти кишвар нақши арзанда мебозад. Ғайр аз ин, натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ баҳри рушди маънавиёти шахс низ хизмат мекунад. Бинобар ин, он аз ҷониби қонунгузории давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз ва ҳимоя гардида, ҳамзамон кафолат дода мешавад.

Дар кори илмии баанҷомрасида аз сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба таври кофӣ истифода гардида, моҳиятан инъикос гардидаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар рисолаи илмии мазкур, муаммоҳои алоқаманд ба мафҳум, моҳият ва табиати ҳуқуқии фаъолияти муаллифон, иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ дар алоқамандӣ бо ҳуқуқҳои вобаста, хусусияти шартномаҳои ҳуқуқӣ-мадании басташаванда, хизматрасониҳои аз тарафи ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ пешниҳодшаванда замоне ба таври назаррас мушоҳида мешаванд, ки дар Тоҷикистон мавриди омӯзиш, таҳлил ва ошкор, баррасӣ, коркард, муайян, тахия ва хулосабарорӣ қарор дода шудаанд.

Автореферати мазкур фарогири мавзуи таҳқиқот ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба пешниҳод шудааст, ки аз қисмҳои муҳим: муқаддима, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, натиҷаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ иборат мебошад.

Диссертант бо дарки муҳиммияти масъала ва таҳлили таҷрибаи ҷомеаҳои муосир ба таҳқиқи илмии муаммоҳои танзими ҳуқуқӣ-мадании

ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он дар замони муосир рӯ оварда, роҳҳои ҳалли онро бо далелҳои мушаххас ва муқоиса ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Аз ҷумла, муаллиф иброз менамояд, ки «объектҳои ҳуқуқҳои вобаста маҳз дар сарчашмаҳои интернет бештар ғайриқонунӣ нусхабардорӣ карда шуда, паҳн мегарданд. Аксарияти меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста замоне эҷод шуда буданд, ки ин технологияҳо набуданд. Айни ҳол тавассути меъёрҳои зикршуда бо қонуншиканиҳои дар фазои интернетӣ бавуҷудоянда мубориза бурдан душвор аст. Яъне, табиати ҳуқуқии ин қонуншиканиҳо тақозо менамояд, ки ҳуқуқшиносон меъёрҳои хоси онро коркард ва пешниҳод намоянд.

Табиист, ки баробари рушди технология, офаридан ва паҳн кардани объектҳои ҳуқуқҳои вобаста, саволҳои ҳуқуқӣ ва ниёз ба танзимнамоӣ афзуда истодааст. Дар айни замон вазъу ҳолати назариявии ҳуқуқҳои вобаста мухталиф ва гуногунҷабҳа мебошад ва он боис мегардад, ки асосҳои ҳуқуқиаш таҷдид ва такмил дода шаванд» (саҳ. 3-4).

Бо назардошти таҳлили мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур метавон қайд намуд, ки далелҳои илмӣ ва асоснокии натиҷаҳо дар асоси усулҳои муосири таҳқиқоти ҳуқуқӣ ба таври мантиқӣ ва далелҳои муътамад асоснок шуда, таҳлили дақиқи натиҷаҳо исботи эътимоднокии хулосаҳои муаллиф ба ҳисоб меравад.

Инчунин, муаллиф қайд мекунад, ки «иҷро объекти ҳуқуқҳои вобаста мебошад, агар дар шакл ё намуде ифода ёбанд, ки имконияти дубора сохтану паҳнкунии онҳо бо ёрии васоити техникӣ ба вуҷуд омада бошад. Албатта, намудҳои маъмултари иҷроҳоро ҷудо кардан мумкин: а) иҷрои асарҳои мусиқӣ бо калимаҳо ва бекалимаҳо; б) намоишномаҳо; в) басаҳнагузориҳои хореографӣ; г) намоишҳои сиркӣ» (саҳ. 23).

Автореферати диссертатсия баёнгари он аст, ки рисолаи илмӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб,

хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии он 178 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад. Хулоса ва нуктаҳои илмии рисола барои рушди фаъолияти муаллифон, иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ дар алоқамандӣ бо ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муаммоҳои ҷойдошта муҳим арзёбӣ мегардад.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар пешниҳоди назариявии 3 муаллиф баён менамояд, ки таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки ҳуқуқи ноширони асарҳои илм, адабиёт ва санъат ва ҳуқуқи таҳиягарони манбаи маълумот ҳамчун ҳуқуқҳои вобаста дар алоҳидагӣ эътироф ва ҳифз карда мешавад. Чунин объектҳо дар Тоҷикистон ҳам хеле зиёд истифода мешавад, аз ҳамин хотир дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ин ҳуқуқҳоро ворид намудан зарур аст (саҳ. 11). Аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро зарурият ва асосҳои ҳуқуқии ворид намудани объектҳои болозикрро дар қонунгузории мамлакат ба таври дахлдор равшан созад.

Новобаста аз эроди зикргардида, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал, эҷодкорона ва илмӣ-тахассусӣ анҷом дода шудааст, ки дар он ҳалли масъалаи мубрами имрӯзаи хуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ пешниҳод гардидааст. Таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Раупова М.Т.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: 116-116-464
Почтаи электронӣ: manzura1963@mail.ru

**Имзои М.Т. Рауповаро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: 224-17-86, факс: 372-24-17-86
Факс: (+992-37) 227-49-84.
Почтаи электронӣ: info@apa.tj
Сомонаи интернетӣ: www.apa.tj

«02» 04 2026 с.